ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Одиназода Носир Садир дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқӣ- ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

1. Мавзуи тадқиқоти диссертатсионии номзадии Одиназода Носир Садир дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқӣ- ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, дар он зикр мегардад, ки масъалаи ҷавобгарӣ барои ҷинояти болозикр айни замон дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ танзим нагардида, дар он баъзе аз норасоиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд, ки онҳо ҳангоми муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ муайян гардидааст. Дар робита ба ин масъала, муаллиф бо назардошти таҷрибаи мусбат ва ҷиҳати ба ҳамдигар наздик намудани қонунгузории миллӣ ба давлатҳои иштирокчии ИДМ роҳҳои бартараф намудани онҳоро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, диссертант як қатор мушкилиҳоро дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян намуда, таклифу пешниҳодҳои худро ҷиҳати ҳалли масоили мазкур иброз доштааст.

Вобаста ба масоили матраҳгардида, дар тадқиқоти диссертатсионӣ навгонии илмии кофӣ пешниҳод гардидааст, ки дар нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда собит мегарданд. Онҳо барои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ дар самти бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ аҳаммияти илмӣ, методологӣ ва амалӣ доранд. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ, ҳуқуқӣ, оморӣ ва амалияи судиву тафтишотӣ мустаҳкам карда шудаанд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Дар он масъалаи дорои аҳаммияти илмӣ, методологӣ ва амалӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва квалификатсияи бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ҳалли худро ёфтааст. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария ва фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни тадқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-019, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонида шудаанд, ки ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Ғайр аз ин, муаллиф дар доираи тадқиқот дар якҷоягӣ бо дигар муаллиф як дастури таълимиро ба чоп расонидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои тадқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар тадқиқоти диссертатсионии Одиназода Носир Садир истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда,

ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Одиназода Носир Садир маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Одиназода Носир Садир дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Сафарзода Анвар Ислом – Муовини сардори Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилоотии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

– Зокирзода Зафар Хайрулло – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими они Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, биснес ва сиёсати Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанд таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

Аъзоёни комиссия:

дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва
назорати прокурории факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ Баҳриддинзода С.Э.

мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва
муқовимат бо коррупсияи факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ Раҳмонзода М.Ҷ.

имзои Бахриддинзода С.Э., Раҳмонзода М.Ҷ.-ро
подписи
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КБ ДМТ / Начальник УК и КСЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ